**СУРАТМАҶЛИСИ №16**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6Д.КОА-076
**2 апрели соли 2026 ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.07.2024, №222/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар ҳузур доранд. Аз ҷумла, як нафар аъзои шурои диссертатсионӣ -Умарахунов Иркин Мирзахидович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ректори Муассисаи таҳсилоти олии ғайридавлатии «Институти такмили ихтисоси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон» (шаҳри Тошкент) дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ тавассути видеоконфронс иштирок менамоянд. Пешниҳод ҳаст, ки ҷаласаи шуро кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Бо як овоз қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

Дар бораи таъйин намудани комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5.- Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ.

**Раис:** Пешниҳод ҳаст, ки рӯзномаи ҷаласаи шуро тасдиқ карда шавад. Пешниҳодҳои дигар нестанд? Нест. Бо як овоз қабул гардид.

**Раис:** Пешниҳод мегардад, ки комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, пешниҳод шудааст, дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

-доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Нематов А. Р.;

-номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Д.Қ.;

-номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзозода Ш.М., омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Раис:** Пешниҳодҳои дигар нестанд? Нест. Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул гардид. Тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Ба комиссияи экспертии шуро супорида шавад, ки дар муҳлати на дертар аз 20 рӯз диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбегро баррасӣ намуда, хулосаи дахлдор пешниҳод намояд.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҷабов С.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**д.и.ҳ. Маҳмадуллозода Н.Р.**